ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи "Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст

1. Диссертатсияи илмии Исматов С.Б. ба яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маорифи Тоҷикистон таҳти унвони "Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим" бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки фанни Алифбо ва матни ниёгон аз дастовардҳои даврони Истиқлол буда, танҳо дар Тоҷикистон, ба сифати фанни сирф миллӣ, дар муассисаҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ (синфҳои 7 ва 8) таълим дода мешавад ва аз таҷрибаи пешқадами муҳаққиқони дохиливу хориҷи кишвар бархурдор нест. Аз ин рӯ, табиист, ки барои самаранок ба роҳ мондани таълими ин фан омӯзгорон ба методҳои инноватсионии таълим, ки ба муносибати босалоҳият ба таълим асос ёфтаанд, ниёз доранд. Маҳз ба ҳамин хотир, бо дарназардошти камбуди соатҳои таълимӣ (ҳамагӣ 136 соат дар ду соли таҳсил) ва сатҳи нисбатан пасти омодагии омӯзгорони ин фан, муаллифи диссертатсия таҳия ва пешниҳоди методҳои муассири таълимро бо истифода аз технологияҳои муосири таълим ва маводи аёнӣ, ки илман асоснок гардида, дар ҷараёни гузаронидани фаъолиятҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таълимӣ санҷида шудаанд, дар маркази таҳқиқот қарор додааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсия тамоми ҷараёни ворид намудан ва татбиқи таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон аз ибтидои солҳои 90-ум, ҳадафҳои таълим ва нақши он дар тарбияи насли наврас дар партави арзишҳои миллӣ ва пос доштани адабиёти пурғановати классикӣ, ҳамчунин ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаҳои таълими ин фан ва зарурати ин тағйиорот таҳлилу баррасӣ гардидааст. Китобҳои дарсии замони шуравӣ ва замони истиқлол, китобҳои дарсии чопи кишварҳои дигар оид ба омӯзиши забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ, ҳамчунин барномаву стандартҳои таълими ин фан аз нуқтаи назари методологӣ таҳти таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, дар заминаи он беҳтарин роҳҳои омӯзиши ҳарфу овозҳо, қоидаҳои имло,

ҷумлапардозӣ, баргардон кардани матн аз як алифбо ба алифбои дигар таҳия ва пешниҳод шудаанд. Муаллиф ба хусусиятҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими Алифбо ва матни ниёгон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, усулҳои инноватсионии комёб шудан ба салоҳиятҳои фаннӣ ва арзёбии онҳоро муайян намудааст. Ба хотири расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорон аз ҷониби муаллиф чанд маводи аёнӣ низ таҳия гардидааст. Бо эътимоди комил метавон гуфт, ки натиҷаҳои ин таҳқиқот аз ҷониби омӯзгорону мутахассисон мавриди истифода қарор гирифта, барои сифатан беҳтар намудани таълими фан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар саҳми арзанда хоҳад гузошт.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи номзадии Исматов С.Б. таҳти унвони "Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим" ба шиносномаи ихтисоси илмии **13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**, ҳамчунин ба Феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017 таҳти № 5/2 мутобиқат мекунад.

Муаллифи диссертатсия масъалаҳои такмили методикаи таълими фанни Алифбо ва матни ниёгонро дар доираи барномаи таълими амалкунанда (68 соат барои синфи 7 ва 68 соат барои синфи 8) мавриди таҳқиқи қарор додааст ва дар заминаи маводи назариявӣ-методӣ ва натиҷаҳои фаъолияти озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ усулҳои инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳиятро дар таълими фанни номбурда бо истифода аз таҷрибаи илмӣ-амалии худ дар ин соҳа асоснок ва пешниҳод намудааст. Ин аввалин таҷриба дар таҳқиқи методикаи таълими алифбои ниёгон буда, бо асолат ва моҳияти таҷрибавӣ-амалии худ аз таҳқиқотҳои дигар дар соҳаи методикаи таълим тафовути ҷиддӣ дорад, ки бешубҳа, аз дастовардҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи Исматов С.Б. мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати асоснокии илмӣ ва татбиқи амалӣ дар раванди таълим шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти № 267 ба тасвиб расидааст, таълиф гардидааст. Он дар ҷаласаи шуъбаи фанҳои филология аз 29.11.2021, протоколи № 10 ва ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ аз 17.02.2022, протоколи №02 муҳокима гардида, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 пешниҳод карда шудааст.

Диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рӯзи 23.09.2022 бо иштироки муқарризон: Исрофилиё Ш.Р. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ; Атакуллаев

У.И.–номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русӣ барои факултетҳои ғайрифилологии ДМТ ва роҳбари илмӣ Байзаев А. – номзади илмҳои филологӣ, сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими АТТ муҳокима ва мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар хулосаи шуъбаи фанҳои филология ва ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, ҳамчунин хулосаи ҷаласи Шурои олимони факултети филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои объективӣ, ҳамаҷониба ва мусбат дода шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мавридҳои зерин баррасӣ ва истифода шудаанд:

- гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф;

- маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, методҳои инноватсионии таълим, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар АТТ ва ПРМ, аз ҷумла: Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Омӯзиш ва татбиқи афкори педагогии ниёгон дар таҳсилоти муосир” (08.04.2021) // Алифбои ниёгон ва нақши он дар мероси маънавию ахлоқии мардуми форсу тоҷик, Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Консепсияи рушди тафаккури хонандагон” (24.06.2021) // Ташаккули тафаккури танқидӣ дар раванди таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон.

- натиҷаҳои пешакии таҳқиқот дар семинарҳои машваратӣ бо омӯзгорон санҷида шуда, таъйид ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ баррасӣ гардида, аз санҷиш гузаштаанд ва дар нашрияҳои Паёми ДМТ, Паёми АТТ, маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳо нашр шудаанд. Дар маҷмуъ, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мавод ба табъ расидааст, ки 6-тои он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. 2 мақола аз ин номгӯ дар ҳаммуаллифӣ эҷод шудааст.

Теъдоди интишороти муаллифи диссертатсия дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

5. Маводи диссертатсия бо истифодаи аз услуби илмӣ, ишораҳои мувофиқ ба муаллифон ва сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат мекунад.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст. Таҳлилҳои шахсӣ,

андешаҳои судманд, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои ҷолиб ҳамзамон бо яклухтии мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим гувоҳӣ медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба ташхиси диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродович тавсия медиҳад:

а) диссертатсияи илмии Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи "Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим" барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад;

в) ба сифати муқарризони расмӣ Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон ва Каримов Нарзулло Салимович – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор **С. Э. Негматов**

Аъзоҳои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ **М. О. Солеҳов**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент **Т. М. Абдуллоева**

Имзоҳои С.Э.Негматов, М.О. Солеҳов ва Т.М. Абдуллоеваро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ **Э. Ш. Тавқиев**